**Ба Сардори маркази Тоҷикистон оид ба масъалаҳои минаҳо Раҷабов Ҷ. Ш.**

# ГУЗОРИШ

Мувофиқи супориши МТММ дар таърихи 31 августи соли 2006 ман барои тафтиши рафти амалиётҳои безарargгардонии гурӯҳҳо ба ноҳияи Панҷ ба минтақаи Халқаёр сафар намудам. Дар ин минтақаи номбаршуда гурӯҳи мати №4 сек -1 фаъолияти амалиёти безараргардониро ба уҳда дорад. Хайати гурӯҳ иборат аз 17 нафар бо кормандони тиббӣ ва ронандаҳо мебошанд. Хайати кормандони минаҷуй аз 8 нафар иборат мебошанд. Назорати гурӯҳро мушовири техникӣ Эмануэл Брумент ва роҳбари гурӯҳ Ризоев Довуд ба уҳда доранд. Фаъолияти безараргардонии амалиёти мина аз соати 5-саҳар оғоз гардида то соати 13 идома меёбад. Дар вақти амалиёти безарарсозӣ детектори навъи «Эбингер-421» истифода мешавад. Баъд аз ҳар 45 дақиққа 10 дақиққа танаффӯс дода мешавад. Амалиёти безараргардонӣ дар як хати корӣ рафтаистодааст кормандон бошанд бо навбат кор мекунанд. Рафти кор бисёр суст ба хотири он, ки минтақа пур аз симпораҳои пӯсида иборат мебошад, ковиши пурра ҳам бисёр истифода шуда вақти бисёро мегирад. Дар рӯзи корӣ бо ҳиссоби миёна 5-6 метри мураббаъ тоза карда мешавад. Аз аввали мавсим дар ин минтақаи корӣ 103 дона минаи зиддӣ инфиродии фугасӣ несту нобуд карда шуда аз ин 52 дона МЛ-7 ва 51 дона ПМН мебошад. Масофаи тоза шудаи замин бо ҳисоби квадратӣ бошад 742 метри мураббаъро ташкил мекунад.

Камбудиҳо оиди тозагӣ дар бошишгоҳ дида мешавад.

Лавозимоти корӣ бояд дуруст нигоҳ дошта шавад.

Тавораҳои ҷои нигоҳдошти маводҳои тарканда ва дохили он дуруст карда шавад. Дар яке аз сумкаҳои калони ёрии таъҷилӣ 1 дона гемодез мувофиқ бо қарордоди пураи сумкаи ёрии таъҷилӣ намерасад.

Дар минтақаи корӣ маводҳои тарканда нигоҳ дошта мешавад:

Аз ҷумла амонал 51.5 дона иборат иборат аз 12.кг 875 гр.

Детонатори барқӣ 17 дона.

Ресмони даргиранда 78 м мебошад. Бо роҳбари гурӯҳ дар бораи пурра ва дурусти қайдҳо ва нигоҳдории ҳуҷатҳо сӯҳбат намудам, ҳуҷатҳои лозимӣ оиди майдони мина бо пуррагӣ мерасад. Аз тарфи кормандон ягон фикру дорхост пайдо нашуд.

**31 августи соли 2006**

**Нозир оид ба тафтиши сифат САТТОРОВ. Л**